**САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН**
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**
80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel.: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

# Ҳукумати Ҷопон соҳаҳои маориф ва тандурустиро дар Тоҷикистон дастгирӣ мекунад

## 5 созишнома дар доираи Барномаи кӯмаки бебозгашт бо маблағи 534,571 доллари ИМА ба имзо расид

**Душанбе, Тоҷикистон**

6 марти соли 2024 дар Душанбе дар Кароргохи Сафири Ҷопон маросими имзогузории созишномаҳои панҷ лоиҳа дар доираи Барномаи кӯмаки бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ (GGP) баргузор гардид.

Созишномаҳо дар доираи кӯмаки бебозгашт байни Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **хонум Кэйко ФУРУТА** ва раисони ноҳияҳо, директорони Беморхона ва Марказ клиникӣ ба имзо расиданд. Маблағи умумии кӯмаки бебозгашт аз тарафи Ҳукумати Ҷопон **534,571 доллари ИМА** ташкил медиҳад.

- **«Лоиҳаи сохтмони бинои нав дар назди муассисаи таълимии № 65 деҳаи Понғози ноҳияи Ашт»** бо маблағи **102,240 доллари ИМА,** аз тарафи ҷ-би **Шӯҳрат МУҲАММАДЗОДА,** раиси ноҳияи Ашт ба имзо расид;

- **«Лоиҳаи сохтмони бинои нав дар назди муассисаи таълимии № 45 дар деҳаи Намунаи ноҳияи Дусти»** бо маблағи **113,691 доллари ИМА,** аз тарафи ҷ-би **Даврон НИШОНЗОДА,** раиси ноҳияи Дустӣ ба имзо расид;

- **«Лоиҳаи сохтмони бинои нав барои муассисаи таълимии №12 дар деҳаи Хамро Олимови ноҳияи Носири Хусрав»** бо маблағи **113,500 доллари ИМА** аз тарафи ҷ-би **Маҳмадаюб ШАРИФЗОДА**, раиси ноҳияи Носири Хусрав, ба имзо расид;

- **«Лоиҳаи таҳким ва таҷдиди таҷҳизоти тиббӣ дар Муассисаи давлатии Маркази Ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ»** бо маблағи **102,480 доллари ИМА,** аз тарафи **ҷ-би Салохиддин РАДЖАБЗОДА,** директори Маркази Ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ ба имзо расид;

- **«Лоиҳаи таҳкими ва таҷдиди таҷҳизоти тиббӣ барои Беморхонаи Маркази шаҳри Панҷакент»** бо маблағи **102,660 доллари ИМА,** аз тарафи ҷ-би **Умед РАҲИМОВ,** директори Беморхонаи Маркази шаҳри Панҷакент ба имзо расид.

Дар рафти маросим, хонум **Кэйко ФУРУТА** қайд кард, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти хуби Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 30 сол аз замони таъсиси муносибатҳои дипломатӣ дар соҳаҳои гуногун ба мардумони Тоҷикистон кӯмак мерасонад ва соҳаи маориф ва

тандурустӣ аз муҳимтарин соҳаҳои ҳамкории дуҷониба байни Тоҷикистон ва Ҷопон маҳсуб мешаванд.

Инчунин, хонум **Кэйко ФУРУТА** изҳори умедворӣ намуданд, ки лоиҳаҳои ба имзо расида дар муҳлати таъйиншуда амалӣ шуда натиҷаҳои назаррас ба бор оваранд. Ҳамчунин, ӯ таъкид кард, ки ин лоиҳаҳо ба беҳтар кардани сифат ва бехатарии муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ дар Тоҷикистон равона шудаанд, ки дар навбати худ ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат хоҳанд кард.

Манфиятбарандагони панҷ лоиҳа ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои кӯмакҳои расонидашуда изҳори миннатдорӣ карданд.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ "GGP" тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***462*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38.3*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла 110 лоиҳа дар соҳаи тандурустӣ.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед* https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html





